# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ____________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.05.2025, № 14

Барои сазовор донистани Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, тахти №307) 6-уми майи соли 2025, протоколи №14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём 18-уми апрели соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст.

Соли 2009 факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 2017 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “иқтисод ва идора”, соли 2021 факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси “идоракунии давлатӣ”, соли 2023 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо “ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик” хатм намудааст.

Солҳои 2017-2021 ҳамчун аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба пажуҳиш машғул шудааст.

Мавсуф солҳои 2010-2011 - мутахассиси шуъбаи таъминоти методии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, солҳои 2011-2013 - муовини директори МДТ “Гимназияи №2 барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Душанбе, солҳои 2013-2017 - муовини директори МДТ “Литсейи №2 барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Душанбе, солҳои 2017-2019 - директори МДТ “Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим”-и шаҳри Душанбе, солҳои 2019 то ҳол - директори МДТ “Литсейи №2 барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Душанбе ифои вазифа карда истодааст.

Маротибаи дуюм мебошад, ки вай ба ҳайси вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, аз ҷониби Ҳизби Ҳалқии Демократии Тоҷикистон, ба халқу давлат хизмат мекунад.

Сироҷзода Ҷ. Қ. бо медал ва шаҳодатномаи ифтихории ҷашнии ВКД (соли 2016), нишони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2018) ва нишони “Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2021), медали ҷашнии “75-солагии ҶБВ”, аз тарафи Владимир Путин Президенти Федератсияи Руссия (соли 2021), медал ва шаҳодатномаи байналмилалии “Беҳтарин мақолаи илмӣ-2023” (ш. Тошканд, 2023), медал ва шаҳодатномаи байналмилалии “Корманди хизматнишондодаи соҳаи илму маориф-2023”, (ш. Тошканд, 2023) сарфароз гардонида шуда, дорандаи зиёда аз 100 адад диплом, ифтихорнома, гувоҳнома, шаҳодатнома ва сипоснома, муаллифи 7 китоби методӣ ва зиёда аз 60 мақолаи илмию методӣ ва сиёсӣ мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович.**

**Муқарризони расмӣ: Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Нурмад Сироҷович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Давлатбеков Лоло Мирзоевич, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Шавкат Элмуродович ва бо имзову муҳри ректори донишгоҳ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст,аз ҷумла қайд намудааст, ки диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ ҳастанд ва дар таҳқиқоти илмию пажуҳишии

худ дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Нақди вижагиҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори Айнӣ дар таҳқиқоти айнишиносон. Суханшиносӣ, 2024, №1, саҳ.151-161;

[2-М]. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Айнишиноси навҷӯ ва моҳиятбин. Суханшиносӣ, 2023 №3, саҳ.105-115;

[3-М]. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Айнишиносӣ дар давраи истиқлол. Суханшиносӣ, 2023, №4, саҳ.174-188;

[4-М]. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ. Паёми Донишгоҳи забонҳо. 2023, № 4 (52), саҳ. 232-241;

[5-М]. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ аз нигоҳи айнишиносон. Паёми Донишгоҳи забонҳо. 2024, № 1 (53), саҳ.184-192.

**II. Суханрониҳо дар конференсияҳо ва нишастҳои илмӣ:**

1. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Нигоҳе ба таҳқиқи фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ.
2. Суханронӣ дар Конференсияи илмӣ–амалӣ бахшида ба "Ҳафтаи илм" дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 02-16 апрели 2024.
3. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём. Дидгоҳи ноқидии Айнӣ дар таҳқиқи адабиётшиносии тоҷик. Суханронӣ дар конференсияи илмӣ-назариявӣ ҷумҳуриявӣ зери унвони «Мақоми Соҳиб Табаров дар нақд ва адабиётшиносии тоҷик» (ба муносибати 100-солагии адабиётшинос, мунаққид, узви вобастаи АМИТ Соҳиб Табаров, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 19.11.2024 ).

**Ба афтореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1.Тақризи доктори илмҳои филологӣ, директори генералии Муассисаи давлатии "Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб" Асозода Ҳотам Раҷаб мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст:

а) Дар автореферати диссертатсия дар бораи баррасии ашъори устод Айнӣ ва фаъолияти шоирии ӯ таваҷҷуҳи лозим дода нашудааст. Диссертант мебоист фасли алоҳида дар ин мавриди ихтисос медод, он гоҳ сифати рисола беҳтар мегардид.

б) Дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, соҳавӣ ва афтодагиҳо ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо зарур мебошад.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Шариф Раҳмон низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳо чанд эрод ба назар мерасад:

а) Беҳтар мебуд, агар фасли дуюми боби якуми диссертатсия , ки замони Истиқлоли давлатӣ марбут аст, ба боби сеюм ворид мегашт.

б) Хуб мешуд, агар фасли дуюми боби якум, ки ба яке аз давраҳои пурбори айнишиносӣ бахшида шудааст, муфассал баён мегардид.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сардори Раёсати илм ва инноватсияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд" Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудаанд:

1. Унвони бобу фаслҳои диссертатсияро вобаста ба проблемаҳои илмии дар онҳо баррасишаванда бояд таҳрир кард.

2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ, диссертант танҳо бо номбар кардани асару мақолаҳои айнишиносон иктифо мекунад, ки он моҳияти масоили мавриди назари диссертантро равшан намесозад.

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Дӯстов Комилҷон Авлоқулович мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

1. Дар рисола ба таҳқиқот дар самти фаъолияти публитсистии Садриддин Айнӣ, ки дар ин замина осори зиёди устод мавҷуд ва маъруф аст ва таҳқиқот ҳам мавриди осори публитсистии ӯ ба таълиф расидааст, кам таваҷҷуҳ ва саҳифаҳои маъдуд бахшида шудааст. Лозим буд, ки дар ин маврид зербоб ё фасли алоҳида иншо мегардид.

2. Фасли алоҳида дар мавриди осори таълимӣ ва фаъолияти маорифпарварии устод тахсис дода мешуд, беҳтар буд, зеро ин тарафи фаъолияти эшон хеле назаррас ва таъсиргузор буда, таҳқиқот дар ин маврид ҳам вуҷуд доранд, ки сарфи назар аз онҳо доманаи айнишиносиро кӯтоҳ мекунад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва омӯзгорони муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳаи филология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Сироҷзода Ҷ. Қ. таҳқиқу арзёбии марҳала ва равишҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистонро бо дарназардошти моҳият ва вусъати доираи омӯзиши мавзуъ, ки дар адабиётшиносии тоҷик

бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ба риштаи таҳлил кашида, кори илмии арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси китобу рисолаҳо ва осори таҳқиқии дар заминаи шинохти рӯзгору осори устод Айнӣ сурат гирифтааст. Сарчашмаи асосии таҳқиқот осори таҳқиқии адабиётшиносони тоҷик мебошад, ки дар фосилаҳои гуногуни замонӣ таълиф ва нашр шудаанд. Ҳамчунин, осори адабию илмии Айнӣ ва муосирони ӯ, ёддоштҳо, пажуҳишҳо оид ба таърихи адабиёти тоҷик, тазкираҳо, сарчашмаҳои таърихӣ, қомусҳои соҳавӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Маводи таҳқиқии таҳлилшуда дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**

- дар рисола бори аввал марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносии тоҷик ба таври густарда таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, дар заминаи таҷрибаи донишмандони тоҷик моҳият ва равишҳои мусбат ва манфии айнишиносӣ дар Тоҷикистон муайян гардидааст;

- дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаҳои мавриди назар водор намуд, ки тарзи ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзгор ва осори Айниро бо дарназардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи адабиётшиносии навин **таҳлилу арзёбӣ ва мушаххас карда шавад;**

- дар заминаи тадқиқоти анҷомгирифта хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори нависанда ба таври густарда баррасӣ шуда, дастовардҳои адабиётшиносони тоҷик оид ба масоили баҳсноки рӯзгор ва осори Айнӣ ба таври **мушаххас таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии** диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар он ба назар мерасад, дарки асосҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси ҷараёни инкишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон арзишҳои назарии рисолаи таҳқиқотиро муайян мекунад. Ба ин далел, осори илмии аз охири асри бист то рӯзҳои мо доир ба рӯзгор ва осори Айнӣ таълифшуда таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонуниятҳои назарии масъалаи дармиёнбуда муайян ва мушаххас карда шуд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта донишҳои назариро оид ба масъалаи мавриди назар такмил мебахшад.

Дар рисола маводи фаровони адабиётшиносӣ гирд омадааст, ки онро метавон барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои пажуҳишро барои таҳқиқоти минбаъда оид ба айнишиносӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии осори нависанда, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, суханрониҳо аз боби масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ оид ба рӯзгор ва осори Айнӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳои олӣ ба кор бурд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди М. М. Бахтин, Ю. Л. Лотман, Д. С. Лихачёв, В. Жирмунский, Н. И. Конрад, И. С. Брагинский, И. Г. Неупокоева, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Ю. Бобоев, З. Ш. Раҷабов, С. Табаров, А. Маниёзов, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Ҷ. Бақозода,

А.Ҳаким, М. Имомзода, Л. Н. Демидчик, А. Набавӣ, Х.Асозода, А. Кучарзода, А. Маҳмадаминов ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Диссертатсия дар асоси методи муқоисавию таърихӣ ва таҳлили таърихию типологӣ таълиф шудааст

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони соҳа дар таҳқиқ ва арзёбии мавзуъҳои ба ин монанд ва баррасии таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта метавонад ёрии назарӣ ва амалӣ расонад.

Дар диссертатсияи ҷудогона ва мустақил мавриди омӯзиши амиқ қарор додани паҳлуҳои ҷудогонаи айнишиносӣ, аз ҷумла, ҷустуҷӯҳои шахсиятҳои алоҳида дар омӯзиши ҳаёту осор ва ҳунари тасвиргарии устод Айнӣ барои муайян кардани нақши ӯ дар инкишофи адабиёти тоҷик муҳим ба назар мерасад.

Таҷрибаи айнишиносон барои шинохти тамоюлҳои гуногуни инкишофи адабиёти тоҷик, аз ҷумла, назму наср ва арзёбии паҳлуҳои ҳунарӣ ва мундариҷаи ғоявии он ёрии бевосита мерасонад. Омӯзиши ҳаматарафаи тадқиқоти адабиётшиносон доир ба фаъолияти шоиру нависандагони алоҳида бо мақсади муайян намудани мухтассот ва арзиши бадеии осори онҳо муҳим мебошад. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти тоҷик, ҳаёт ва осори шоирон ва нависандагон, нақди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан, курс ва семинарҳои тахассусии факултетҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашма ва таҳқиқҳои осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар диссертатсия дар омӯзиш ва арзёбии амиқи масъалаи ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, омӯзиши назарияҳои донишмандони соҳа оид ба тадқиқоти типологӣ ва корбасти таҷрибаҳои муфид дар ин замина, муайян кардани хусусиятҳои усулии равишҳои пажуҳишӣ дар айнишиносии тоҷик, омода намудани мақолаву маърузаҳо ва нашри рисола доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати чандсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ аз 6-уми майи соли

2025 дар бораи сазовор донистани Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷикӣ) иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: тарафдор 15 , муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мухамедходжаева Р.

06.05.2025